**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК:** 347
**ББК:** 67.404.91
**Н –** 32

**НАСРУТДИНЗОДА ҚИЁМУДДИН ШОВАЛӢ**

# ҶАБҲАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ – 2020**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Самадов Бахтиёр Одилҷонович** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. |
| | **Сидиқов Дилшод Аҳророович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии **«Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон»** (ш. Душанбе). |

Ҳимояи диссертатсия 15 сентябри соли 2020 соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мухтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «________» _________ соли 2020 тавзеъ шуд.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Бо шарофати ба даст овардани Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) асосҳои ҳуқуқӣ ва маъмурию ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, тавсеаи ҳамкориҳои судманду мутақобил бо кишварҳои рушдёфтаи иқтисодӣ, аз ҷумла ташкилоту созмонҳои бонуфузтарини байналмилалии тиҷоратию молиявӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Ҷойи асосиро дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ субъекти асосии он – соҳибкор, яъне шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ, соҳибкори инфиродӣ ишғол менамояд.

Моҳиятан фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо меҳвари асосии фаъолгардидаи соҳибкорӣ асоснок шуда, фаъолияти душвор, маҷмаавӣ ва таваккалии баланди субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ фаъолияти соҳибкории махсусест, ки дар соҳаи муносибатҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, иттиҳодиявӣ, асъорӣ-молиявӣ, берун аз марзи кишвар асоснок татбиқ гардида бо фоиданокӣ ва афзалияти бисёршумур ва дар муҳити байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар замони муосир бо назардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар шароити ҳамгироии ҷаҳонишавӣ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки ҶТ мисли ҳар кадом давлат саъю кӯшиш дорад то дар низоми иқтисоди байналмилалӣ, савдо ва бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи худро дошта бошад. Маҳз сатҳ ва дараҷаи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозори фурӯши мол, иҷрои кор, хидматрасонӣ ва савдои байналмилалӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии шаҳрвандон аз омилҳои асосианд, ки иқтидору тавоноӣ ва мавқеи ҳар як давлатро дар низоми муносибатҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян месозанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбат ба танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудааст. Қонунгузории ҷорӣ бо хусусиятҳои худ ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷиро ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтааст. Зеро фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳам дар қонунгузорӣ, ҳам дар илми ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият нисбати рушди

ҳамкориҳо бо давлатҳои дигар дар соҳаи савдо, иқтисодиёт, техника, илму фарҳанг, сайёҳӣ ва ғайраро, ифода менамоянд.

Фаъолияти иқтисоди хориҷии субъектони хоҷагидорӣ чун худи фаъолияти соҳибкорӣ зери танзими ҳуқуқӣ, танзими давлатӣ қарор дорад. Ҷойи асосиро дар ин самт субъекти асосӣ, соҳибкор ишғол менамояд. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки дар алоқамандии таъсироти давлатӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ пайдо гардидаанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар худ принсипҳои баамалбарории фаъолияти иқтисоди хориҷиро дарбар гирифта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни онро муқаррар мекунанд.

Мавриди қайд аст, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ[1] таҷассум ёфтаанд. Аз мазмуни меъёрҳои с. 3, м. 11 Конститутсия бармеояд, ки «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд». Вобаста ба рушди ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликият, баробарҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқии онҳо кафолатнок гардидааст (м. 12 Конститутсияи ҶТ). Баробари ҳамин, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро кафолат додааст.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҶТ фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ зери тavaҷҷуҳи доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. То имрӯз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар бо сарварии Президенти ҶТ дар самти рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мубрам ва муаммовӣ боқӣ мондани соҳаи мазкурро ишора менамояд.

Дар ин хусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 26 декабри соли 2018 ироа намудаанд: «Ҳукумати ҶТ фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 135 с.

масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯйи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пайомадҳои иқтисодиву иҷтимоии раванди тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳоро мунтазам таҳлил карда, ҷиҳати пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба иқтисоди миллии мо тадбирҳои заруриро амалӣ гардонад»[1].

Дар шароити ҳамгироии байналмилалии ҶТ оид ба муҳимияти ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030[2] махсус ишораҳо шудааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар шароити ба қадри кофӣ рушднаёфтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва бар дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ барои диверсификатсияи васеъ ва рақобатнокии он нақши пешбарандаро хоҳанд бозид.

Илова бар он, дар Стратегияи миллии рушд ишора гардидааст, ки ба Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисодиёти дарҳои кушода дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ метавонанд таъсир расонанд. Ин таҳдидҳо аз қабили нокифоя будани самаранокии идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар раванди банақшагирии стратегӣ, ки ин имкониятҳои таҳия ва татбиқи сиёсатро дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ маҳдуд месозад; нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ифода меёбад; паст будани суръати тараққиёт

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26.12.2018 // Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 18.01.2019).

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Манбаи дастрасӣ: www.mehnat.tj/mehnat/wp-content/uploads/files/Strategiya_tojik-.pdf (санаи муроҷиат: 10.02.2019).

ва сатҳи баланди фарсудашавии инфрасохтор, хусусан дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, коммуналӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ, содирот ва рушди иқтисодиёт монеа эҷод мекунад; авҷ гирифтани рақобат байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои захираҳои молиявӣ, ки дар шароити мавҷуд набудани низоми самараноки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ рақобатпазирии байналмилалии иқтисодиёти Тоҷикистонро заиф мекунад, ва ғайра[1].

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷабҳаҳои бисёрпаҳлуи он муаммовӣ буда мубрамияти худро гум накардааст. Ҳолатҳои зикршуда дар ҶТ мисли дигар кишварҳои рӯ ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ниҳода зарурияти бурдани таҳқиқотҳои илмӣ-амалиро дар ин самт пеш овардааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи фаъолияти илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон: «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва байналмилалӣ» барои солҳои 2017–2020 амалӣ карда шудааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Муаммоҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии ҶТ, ҷабҳаҳои он дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ яке аз масоили муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад. Ҷолиби қайд аст, ки дар коркарди масъалаҳои назариявӣ, илмӣ, методологии омӯзиши мавзӯи мазкур олимони ватанӣ ва хориҷӣ Алиев М.Б., Бистоева Л.Ф., Голуб К.Ю., Қурбонов Қ.Ш., Меликов У.А., Табаров Н.А., Тимчук Н.Б., Степов А.Б. ва дигарон саҳми босазо гузоштаанд.

Ҳамчунин, ба баъзе ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бо хусусияти соҳавӣ оид ба рушди иқтисодиёт ва ҳуқуқ як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида шудааст. Дар ин ҷода корҳои илмӣ, асарҳои олимону ҳуқуқшиносони ватанӣ

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // www.mehnat.tj/mehnat/wp-content/uploads/files/Strategiya_tojik-.pdf, с.27-30 (санаи муроҷиат: 10.02.2019).

Исмоилов Ш. М., Менглиев Ш. М., Нодиров Ф. М., Оймахмадов М., Раззоқов Б.Х., Раҳимзода М.З., Раҷабов М.Н., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Усмонов О.У. ва дигаронро махсус зикр намудан бамаврид мебошад.

Соҳаи илми ҳуқуқшиносии муосир дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ як зумра олимон, ҳуқуқшиносони хориҷии дуру наздикро муаррифӣ намудааст. Чунончӣ, Dunfee T.W., Gower C., Белов А.П., Белих В.С., Богуславский М.М., Волф М., Драганов В.Г., Ерпылёва Н.Ю., Ершова И.В., Ефремова Н.А., Иванов И.Н., Козирин А.Н., Олейник О М., Отнюкова Г.Д., Пугинский Б.И. ва дигарон дар таҳқиқоти худ фаъолияти иқтисоди хориҷиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти пажӯҳишҳои сершумор ба масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистони муосир дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аҳамияти кофӣ дода нашудааст. Аксарияти муаммоҳо ва мушкилоти мавҷуда то имрӯз ҳаллу фасли худро наёфтаанд ва зарурияти таҳлили амиқтари онҳо ба миён омадааст. Бо шарофати чунин муносибат кӯшиш карда шудааст, ки нуқсонҳои дар соҳаи таҳқиқоти мазкур ҷойдоштаро муайян намуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо андешаҳои пурраву ҳамаҷониба пешниҳод намоем.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудани мушаххасгардонии ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ дар замони муосир ва коркарди пешниҳодҳо нисбати бартараф намудани носаҳеҳӣ, нуқсонҳои мавҷуда, ҳарчӣ беҳтар намудани танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи он доир ба мавзӯъ мебошад. Дар диссертатсия дар алоқамандӣ бо мақсади зикргардида чунин вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– омӯзиши пайдоиш, ташаккул ва хусусияти рушду такомули қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ;

– муайян намудани мафҳум ва хусусияти фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузорӣ;

– ошкор намудани мушкилоти вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ;

– таҳлил ва ошкор намудани хусусияти ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ;

– ошкор намудани механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси созишномаҳои байналмилалии ҶТ;

– муайян намудани хусусияти манфиатҳои миллӣ дар амалисозии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ;

– коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионии** мазкурро муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ пайдо мешаванд, ташкил медиҳанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти мазкурро** масъалаҳои илмӣ-назариявӣ, мафҳумҳо, қонунгузории танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усулҳои зерини умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд ва дар таҷриба санҷида шудаанд: мушоҳида, таҳлил, синтез, тасвир, ҳамчунин усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Ғайр аз ин дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва интегралии натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Заминаи таҷрибавии таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил додаанд, ки соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва давлатҳои аъзои иттиҳодҳои байналмилалӣ амал кардаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон, ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Диноршох А. М., Дмитриева Г. К., Ефремова Н. А., Занковский С. С., Иванов И. Н., Исмоилов Ш. М., Қурбонов Қ. Ш., Маҳмудов М. А., Менглиев Ш., Нодиров Ф. М., Одинаев А. Ш., Олейник О. М., Разоққов Б. Х., Раҳимзода М. З., Раҷабов М. Н., Самадов Б. О., Сангинов Д. Ш., Сотиволдиев Р. Ш., Шевченко Б. И., Усмонов О. У., Ҳабибов С. Ҳ., Ҷамшедов М. Ҷ. ва дигарон ташкил додаанд.

Заминаи меъёрии диссертатсия. Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рисолаи илмиро Конститутсияи ҶТ, кодексҳои ҶТ, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, консепсия ва барномаҳои давлатӣ ташкил намудаанд.

Заминаи эмпирикии таҳқиқот. Ба сифати асосҳои эмпирикии таҳқиқот маводҳои корӣ ва бойгонии корхонаҳои муштарак, соҳибкорон дар солҳои 1999–2019, парвандаҳои Суди иқтисодии вилояти Суғд, ба сифати таҳқиқоти муқоисавӣ қонунгузории давлатҳои хориҷа истифода гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар ҶТ аввалин таҳқиқотест, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи илмию амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии ҶТ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии имлӣ–назариявӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба амал бароварда шудааст. Дар диссертатсия ба таҳлили мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқуқӣ, мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст. Дар натиҷа, нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмиро инъикос мекунанд.

Нуқтаҳои илмии зерин ба **ҳимоя пешниҳод** карда мешаванд:

**1.** Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ аз солҳои аввали 90-ум дар қонунгузорӣ ишора карда шудааст. Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди соҳа дар қонунгузории ҶТ се давраро дарбар гирифтааст: якум, солҳои 1991–2000 – замони мустақилона муайян намудан ва ташаккули қонунгузории соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; дуюм, солҳои 2000–2012 – рушди танзими хусусӣ–ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ; сеюм, аз соли 2012 – то имрӯз – такомули қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ.

2. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ин фаъолияти тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо иштироки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар қонунгузории ҷорӣ ишораҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, аммо бидуни фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолиятро тасаввур карда намешавад. Таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҶТ шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо пуррагӣ муқаррар нагардидааст. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ оид ба мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории ҶТ ба хулосае меорад, ки мафҳуми ягона, бо ишораи «фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» бояд мустаҳкам гардида бошад. Зарурияти ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст ва он тақозои замон мебошад.

**3.** Дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар ҶТ дорои хусусиятҳои зерин мегардад:

1) бо ба миён омадан шартномаҳои анъанавии хариду фурӯш, шартномаҳои шакли нави байналмилалии муомилоти тиҷоратӣ (лизинг, франчайзинг, факторинг, агентӣ ва ғайра), аз ҷумлаи молу маҳсулот, хизматрасониҳо (бонкӣ, боркашонӣ ва ғайра) ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ-маънавӣ ба муомилоти савдоӣ;

2) барҳам додани монеагиҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ватанӣ бо воситаи ҳамгирошавии механизмҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалии ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил), СҲШ (Созмони ҳамкории Шанхай), СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) ва ғайра;

3) ташкили низомҳои ҳуқуқии аҳдҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии баробар барои кишварҳои аъзои созмонҳои байналмилалӣ.

Рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст: якум, бо ягонакунӣ (унификатсия) ва ҳамназдиккунонии (гармонизатсия) меъёрҳои ҳуқуқи граждании миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусии давлатҳои гуногун; дуюм, бо кодификатсиякунонии байналмилалӣ ва ягонакунонии анъанаҳои муомилоти тиҷорати байналмилалӣ; сеюм, бо баҳамназдиккунонии меъёрҳои ҳуқуқи оммавии миллӣ (маъмурӣ, молия, андоз, гумрукӣ,

асъорӣ ва ғайра), ки аъзоёни ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ уҳдадориҳоро оиди мутобиққунонии қонунгузории фаъолияти иқтисоди хориҷии шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ва воқеии худро қабул намудаанд, бо қоидаҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалӣ.

**4.** Яке аз хусусияти муҳими татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ин бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти анҷомдиҳандаи қайдгирӣ мебошад. Дар ин самт зарур ҳисобида мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (аз с. 2009) қайди фаъолияти соҳибкорӣ, вобаста ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ тариқи ворид намудани тағйироту иловаҳо бо меъёрҳои дақиқ такомул дода шуда бошанд. Маҳз, пас аз ба расмиятдарории фаъолияти мазкур, инчунин ворид шудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, шахс мақоми ҳуқуқӣ ба даст оварда тамоми ҳуқуқҳои кафолатдодашударо амалӣ мегардонад.

**5.** Мақомоти қонунгузор бояд ба қонунҳои ҷорӣ баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои асосии миллӣ, рушди рӯзафзуни соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ тағйироту иловагиҳо ворид намоянд. Аз ҷумла, ба қонунҳо оиди танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт, муомилоти маводи таркандаи таъиноти гражданӣ, амнияти озуқаворӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигарҳо, меъёрҳо нисбати татбиқи механизми ҳадафҳои рушди фаъолияти иқтисодии кишвар бояд асоснок мустаҳкам карда шаванд.

Ҳамчунин, амалияи замони муосир дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла танзими давлатии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки қариб дар ҳама ҳолатҳо шартҳои пешбинигардидаи қонунгузории миллӣ, қонунгузории байналмилалӣ бо мақсадҳои асосӣ душвор, «гӯё ки» амалӣ гардонида мешаванд. Ба меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ диққати мақомоти қонунгузор ҷиддӣ назар карда шуда бошад. Аз ин ҷост, ки муқарраротӣ поквиҷдонӣ, одилонагӣ, ростқавлӣ дар меъёрҳои моддаи 10-и КГ ҶТ на балки «дар назар» дошта шуда бошад, балки «тарафҳо уҳдадор бояд бошанд», мустаҳкам карда шавад.

6. Таъсироти давлатӣ дар амалияи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир бениҳоят васеъ мебошад ва

қариб тамоми ҳастии ин соҳаро фаро гирифтааст. Ҳамгироии соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии ҶТ бо байналмилалӣ дар худ на танҳо таъсироти дохилӣ, балки дигар давлатҳоро фаро гирифтааст. Муаммовӣ боқӣ мондани ишораҳои қонунгузории ҷорӣ дар он инъикос мегардад, ки таъсироти давлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкорон дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нопурра ва дар як сатҳ байни гуруҳи шахсони муайяни манфиатдор, ба амал баровarда шуда истодааст. Чунин омилҳои соҳаро ҷудо намудан зарур меояд: якум, иттилоот дар бораи квотакунонӣ тариқи огоҳнамоии оммавӣ дастнорас мебошад; дуюм, рақобати бовиҷдононаи фаъолияти соҳибкории субъектони иқтисоди хориҷӣ дар бозори дохилӣ шаффоф набуда, аз тарафи мақомоти давлати ваколатдор ба таври зарурӣ ҳифз нагардида истодааст; сеюм, микдори маҳсулоти пешбинишудаи квота дар иттилооти расмӣ дур ба назар менамояд, ё умуман дида намешавад; чорум, озодии воридкунанда ва содиркунанда дар интихоби кишвари таъинот имрӯз ҳам амалишавии шарти (принсип) демократикунониро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза таъсироти давлатӣ бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ маҳз бо пурзӯр намудани ҷавобгарӣ алоқаманд аст. Дар қонунгузории ҷорӣ муқаррар карда шудани ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар амал татбиқ намудани мубориза хар яки онҳо бо коррупсия бидуни унсурҳои хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

7. Дар замони муосир алоқамандии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро бо таъмини манфиатҳои миллӣ аз рӯйи чунин ҷабҳаҳои мухталиф ҷудо намудан мумкин аст. Якум, чунин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар натиҷаи ба миён омадани низоми иҷтимоии бухронӣ давлат ягонагӣ, тавоноӣ ва қобилияти самаранок фаъолиятбарӣ ва рушди худро нигоҳ медорад. Бо ин асос давлат имконияти ҳифз намуданро аз ҳама гуна таъсироти берунаю дохилӣ ба объектҳои пуриқтидори кишвар бояд дошта бошад. Дуюм, имконияти ҳифз намудани муқаддасоти миллӣ аз ҳама гуна таҳдидҳои зарарrасонӣ барои кишвар ва халқи он. Сеюм, эҳтимолияти вуҷуд доштан ва рушди босуботи кишвар. Ин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар он таъсирот ва таҳдидҳои беруна ва

дохила ба муқаддасоти миллӣ, тарзи ҳаёти солим, таъмини ҳифзи иҷтимоии миллӣ бартараф карда шудааст.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ қуввае зарур аст, ки пешбаранда бошад ва он бо механизмҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мусаллаҳ буда, соҳаҳои мухталифи соҳибкориро бомуваффақият пеш бурда тавонад. Албатта, низоми идоракунии давлатӣ дар ин қувва мавқеи асосиро ишғол намуда нақши ҳалкунанда мебозад. Мусаллам аст, ки рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва алоқамандии он бо таъмини манфиатҳои миллӣ зери мафҳуми «қувва» сифати дипломатияро, ки ҳамчун омили асосӣ, муайянкунандаи қудрат ва тавоноии давлат баромад мекунад, дар назар дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии ҶТ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд. Таҳқиқоти илмии мазкур барои хизматчиёни мақомоти давлатӣ, ки ба мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, барои субъектони хоҷагидори ватанӣ ва хориҷӣ – иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ бо соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ алоқаманд арзиши амалӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, гумрукӣ дар алоқамандӣ бо танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дар амалияи судҳои иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи гражданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд, раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардида вобаста ба шароити имрӯза мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ омода гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедра мавриди муҳокима қарор дода шуда, он ба ҳимоя тавсия шудааст. Омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқот давра ба давра дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои пешгузошта дар тӯли солҳои 2016–2020 ба тасвиб расидаанд.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ дар сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ пешниҳод шудаанд: конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии ДДҲБСТ «Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он» (ш. Хуҷанд, 18–19 октябри соли 2018), конференсияи байналмилалии илмӣ-методии ДДҲБСТ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» (ш. Хуҷанд, 29–30 ноябри соли 2018), IV Конференсияи байналмилалии илмии Донишгоҳи давлатии нафту гази Русия, хониши гуманитарии Губкин «Глобальные риски цифровой эпохи и образы будущего» (ш. Маскав, 4–5 апрели соли 2019), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «20 соли Кодекси граждании ҶТ. Ҳуқуқ ва иқтисод» (ш. Душанбе, 11 октябри соли 2019) ва дигарон.

Аз рӯйи масъалаҳои мавзӯи диссертатсионӣ дар умум ҳашт мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст. Аз онҳо се мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (минбаъд – ФР) чоп гардида, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборатмебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва

вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назарявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва равшан карда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия «Фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва хусусияти он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои муайян намудани фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол зери таҳлил қарор дода шудааст**.**

**Зербоби аввали диссертатсия «Мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** нисбат ба муайян кардани муқаррароти қонунии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ мувофиқи қонунгузории ҷорӣ бахшида шудааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо маҳакҳои фаъолгардидаи соҳибкорӣ асоснок шуда, фаъолияти душвор, маҷмаавӣ ва таваккалии баланди субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Фаъолияти махсусест, ки дар соҳаи муносибатҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, иттиҳодиявӣ, асъорӣ-молиявӣ, берун аз марзи кишвар асоснок ба амал бароварда шуда бо фоиданокӣ ва афзалияти сершумор ва дар муҳити байналмилалӣ ба амал баровaрда мешавад. Моҳиятан, мақсад ва ҳадафи ҳар кадом фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ин афзун намудани маҳсулот, баҳри таъмин намудани бозори дохилӣ ва баровардани маҳсулоти худ ба бозори беруна мебошад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили қонунгузории ҷорӣ диссертант ба хулосае омадааст, ки дар мафҳуми фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҷойи асосиро соҳибкор, яъне ташаббускор, истеҳсолкунанда, иҷрокунандаи кор ва хидматрасониҳо дар бозор, ишғол менамояд. Дар қонунгузории амалкардаистода ишораҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, лекин бидуни фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолиятро тасаввур карда намешавад.

Баробари ҳамин муаллиф ишора менамояд, ки фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ҳамчун фаъолияти хоҷагидорӣ буда, он бо мақсади рушди ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо дар соҳаи иқтисодиёт, савдо, муомилоти ҳамгироёнаи маҳсулот, кор ва хидматрасонӣ, илму техника, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнию маънавӣ,

сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра равона карда шудааст. Шартномаҳои байналмилалӣ шакли асосии ҳуқуқи чунин ҳамкориҳо баромад мекунад. Хулосаи муаллиф он ки, ба сифати ҳуқуқии ба амал бароварда шудани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳамчун фаъолияти хусусиятноки соҳибкорӣ шартномаҳои савдои беруна хидмат мерасонанд. Яке аз намуди онҳо шартномаҳо оиди содироту воридоти маҳсулот, шартномаҳо оиди рушди сармоягузории хориҷӣ ва ғайра мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ хусусияти фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро баррасӣ намуда таклиф менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мафҳуми ягона, бо ишораи "фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ" мустаҳкам гардида бошад. Зеро ҷои асосиро дар ин фаъолият субъекти махсус, яъне соҳибкор, бо нишонаҳои қонунан мустаҳкамкарда ишғол менамояд. Зарурияти ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст, тақозои замон мебошад.

Муқаррароти мазкур дар дуруст ва якзайл маънидодшавии мазмун ва моҳияти фаъолият, таъмини пурсамари низоми андозбандӣ дар кишвар, таъмини пурсамари танзим ва назорати содирот ва воридоти объектҳои фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, квотакунонӣ ва иҷозатномадиҳии содирот ва воридот, рушди амалиёти бонкии муносибатҳои содиротию воридотӣ ва танзиму назорати асъорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ имкон медиҳад.

**Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия «Хусусияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити имрӯза бо соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамаи ин бевосита аз нишонаҳо, принсипҳои ҳуқуқии ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ бармеояд. Дар навбати худ фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, бо мустақилият, таваккалӣ, қайдгирӣ, ба даст овардани фоида, истеҳсоли маҳсулот, ба фурӯшбарорӣ, иҷрои кору хидматрасонӣ, ҷавобгарӣ алоқамандии зич дорад. Баробари ҳамин, қонунгузории ҷорӣ ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро пешбинӣ намудааст, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ васеъ истифода мегарданд. Ҳамзамон муаллифи диссертатсия ишора ба он менамояд, ки

хусусияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ чунин намудҳоро, ба монанди: фаъолияти сармоягузорӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, амалиёти бонкӣ, асъорӣ, инноватсионӣ, хидматрасонии аудиторӣ ва ғайраро қонунгузорӣ асоснок пешбинӣ карда, ба танзим даровардааст.

Албатта, аз моҳияти ҳуқуқии фаъолияти мазкур, соҳибкорӣ бо тамоми нишонаҳои худ муаррифӣ карда шудааст. Дар замони муосир фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дорои хусусиятҳои зерин мегардад: 1) пайдо шудани шартномаҳои анъанавии хариду фурӯш шартномаҳои шакли нави байналмилалии муомилоти тиҷоратӣ (лизинг, франчайзинг, факторинг, агентӣ ва ғайра), ба ғайр аз молу маҳсулот, дохил намудани хидматрасонӣ ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ-маънавӣ ба муомилоти савдоӣ; 2) барҳам додани монеагиҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ватанӣ ба воситаи механизмҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалиии ИДМ, СҲШ, СУС; 3) ташкили низомҳои ҳуқуқии аҳдҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии баробар барои кишварҳои аъзои созмонҳои байналмилалӣ.

Рисоланавис дар давоми зербоби мазкур таҳлилҳо оварда ишора менамояд, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ хусусияти ҳуқуқии худро дорад. Яъне, бо худ низоми мураккаби муносибатҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ, ки аз ҷиҳати мазмун ва ҳайати субъектон якхела намебошанд, ифода менамояд. Маҳз гуногунтаркибии субъектон, ташаккули низоми муносибатҳои гуногунсатҳ, хусусияти мазмуни онҳо, ки бо ҳуқуқи онҳо танзим мегарданд, яке аз омили муҳим мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии иштирокчиён, субъектонро ҷудо намуда мазмунан фарқ карда шуда бошад. Якум, ин муносибатҳои оммавии ҳамдигарии байнидавлатӣ, байни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, байниҳукуматӣ, ташкилотҳои байналмилалии гуногун мебошад. Дуюм, ин муносибатҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ, байни давлатҳо (мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо) ва шахсони воқеии ҳамон давлат ё шахсони воқеӣ, ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар доираи юрисдиксияи ҳамон давлат фаъолияти соҳибкориро ба амал мебароранд. Сеюм, ин муносибатҳои мувози (парралел) хусусӣ-ҳуқуқӣ, ки байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии давлатҳои гуногун пайдо мегарданд. Чорум, ин

муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии диагоналии байни давлат ва шахсони воқеии давлати дигар, ҳамчунин бо ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзим гардида, чун анъана ҳуқуқи давлати тарафи муносибатро ифода менамояд. Панҷум, ин муносибатҳои байналмилалии муомилот савдоӣ, ки зери таъсироти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фаро гирифта шуда, ҳам мувозӣ ва ҳам диагоналиро бо меъёрҳои сершумори ғайридавлатии (кодификатсияшуда ва кодификатсия нашуда) сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва маҳаллиро танзим менамоянд.

**Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия «Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол»** муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти ҳуқуқии ба амал бароварда шудани фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, бештар аз он, мустаҳкам гардидани муқаррарот оиди ин намуди фаъолият дар қонунгузории Тоҷикистон танзими минбаъдаи онро боз ҳам васеътар тақозо менамояд. Рисоланавис аз сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хориҷии солҳои аввали 90-уми асри XX истифода бурда хусусияти ин фаъолиятро кушода додааст. Қайд мегардад, ки пас аз барҳамхӯрии ИҶШС Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолият ба даст оварда, самти рушди танзими ҳуқуқӣ ва давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷиро мустақилона муайян кард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ имрӯз дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулгардида ҷиҳати қонунӣ пайдо намудааст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012 №846 «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», аз 25 марти соли 2011 №700 «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», аз 13 июни соли 2013 №964 «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», аз 15 марти соли 2016 №1299 «Дар бораи сармоягузорӣ» ва ғайра санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Баробари ҳамин хусусияти танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур вобаста ба ҷабҳаҳои гунонуни пешбаришавии натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсоли маҳсулот, ба фурӯшбарорӣ, хидматрасонӣ, иҷроиши корҳо, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ-маънавӣ ва ғайра) дар муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди хориҷӣ, бо унсурҳои хориҷидошта инъикос мегардад. Муаллиф муҳиммияти ин ҷабҳаро баррасӣ

намуда ишора ба он менамояд, ки қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисодӣ муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди хориҷии Тоҷикистонро пешбинӣ кардааст ва ҳамчунин мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиати молу мулкии иштирокчиёни робитаҳои иқтисоди хориҷиро сарфи назар аз шакли моликияташон таъмин менамояд. Ҳадафи асоси ҳамгироии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо низоми иқтисоди ҷаҳон заминаи ҳуқуқӣ, ки ҳамаҷониба шароит фароҳам оварда шудааст, мебошад.

Дар ин қисмат рисоланвис доираи васеи танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷиро дар Тоҷикистон, мувофиқи қонунҳои дигар, ба монанди «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз соли 2017, «Дар бораи муомилоти маводи таркандаи таъиноти гражданӣ» аз соли 2004, «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт» аз соли 2007, «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз соли 2001, «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз соли 2010 ва ғайра хусусиятнокиро баррасӣ намудааст. Ҳамчунин меъёрҳои барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ, ки рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро пешбинӣ намудааст, такомули танзими ҳуқуқӣ, дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни асосӣ, пеш аз ҳама ҳалку ҷамъият, баррасӣ гардида хулосаҳо оварда шудаанд. Аз ҷумлаи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаиислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025, Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 ва ғайра. Алалхусус, рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 тасдиқ гардидааст, мустаҳкам гардидааст. Таҳқиқоти илмии қисмати мазкур рисоланвисро ба хулоса меорад, ки дар танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ҳама гуна санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлат ифодакунандаи манфиатҳои қонунии субъектони ҳуқуқӣ,

иштирокчиёни асосии он, халқу давлат, пешбарӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, пайваста бо усулҳои муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон баромад мекунанд.

**Боби дуюм «Нақш ва мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмат масъалаҳои ҳуқуқии мақоми субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти фаъолияти онҳо ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорӣ таҳлил карда шудааст.

**Дар зербоби якум «Субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷии салоҳияти умумӣ ва махсусдошта»** қайд карда мешавад, ки субъекти ҳуқуқ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пеш аз ҳама, дорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян, ки дар асоси қонунгузорӣ, шарти дар шартномаҳо пешбинишуда мустаҳкам гардидааст, фаҳмида мешавад. Онҳо иштирокчиёни воқеӣ ва аниқи муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо мақсади асосӣ ба даст овардани фоида фаъолияти худро пеш мебаранд.

Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ муаллиф қайд менамояд, ки моҳияти фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ аз мазмуни моддаи 19-уми КГ ҶТ бармеояд. Яъне, шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулк, аз ҷумла асъори хориҷӣ бошад; дар қаламрави ҷумҳурӣ ва берун аз он озодона ҳаракат карда, ҷои зист интихоб намояд; ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк карда, ба қаламрави он баргардад; бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи қонунӣ машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шаҳрвандон шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад; ҳама гуна аҳдҳои бо қонун манънашудаaро анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ихтироот, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зиёни моддӣ ва маънавиро талаб намояд; ҳуқуқи дигари молу мулкӣ ва шахсӣ дошта бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектони иқтисоди хориҷӣ, пеш аз ҳама соҳибкорон, хусусиятнок мебошад. Зеро, аз лаҳзаи таъсисёбӣ оғоз намуда чараёни пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, қатъ гардидани ин

фаъолият бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ фаро гирифта шуда, ҷабҳаҳои ба худ хос доранд. Фазои имрӯзаи рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бахри такомули қонунгузории ҷорӣ ва фароҳам овардани шароити муфид нисбат ба салоҳияти умумӣ ва махсусдоштаи субъектон таҳқиқоти мушаххасро тақозо менамояд. Субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ субъектоне мебошанд, ки фаъолияти иқтисоди хориҷиро ба танзим дароварда, ҳамчун иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ пеш мебаранд. Як гуруҳи субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дорои салоҳияти умумӣ, дигар гуруҳи субъектон дар масъалаҳои муайяни соҳа дорои салоҳияти махсусанд.

Рисоланавис ишора ба он менамояд, ки субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷиро қонунгузории ҷорӣ вобаста ба салоҳияташон ба чунин гуруҳ ҷудо намудааст, ки бо хусусияти фаъолияти худ дар соҳаи мазкур фарқ мекунанд. Ба ин гуруҳ якум, субъектони дорои салоҳияти умумӣ ва махсусдошта, дуюм субъектоне, ки фаъолияти худро дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ пеш мебаранд, мансуб дониста мешаванд. Ба субъектони дорои салоҳияти умумӣ доранд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд. Онҳо аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҳуқуқҳоро татбиқ менамоянд.

Рисоланавис қайд менамояд, ки субъектони салоҳияти махсусдошта низ дар танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нақш ва мавқеи аввалиндараҷаро доранд. Ба ин гуруҳи субъектон пеш аз ҳама мақомоти давлатии гумрукӣ тааллуқ дорад. Дар доираи вазифаҳои асосии худ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ назорати фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, воридот ва содироти натиҷаҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкоронро тавассути сарҳади гумрукии кишвар, агенти назорати асъориро амалӣ менамояд. Хусусияти фаъолияти мақомоти мазкур таҳлил шуда ишора гардидааст, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созмонҳои байналмилалӣ дар бобати таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо, тафсир ва татбиқи асосҳои байналмилалии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ намояндагӣ мекунад; бо мақомоти давлатии манфиатдор

ҷиҳати таҳия ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешниҳодот тартиб медиҳад; ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба асосҳои байналмилалии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, тавзеҳи байналмилалии онҳо ва қарорҳо оид ба тафсири ин асосҳо назорат менамояд; нашри Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавзеҳи байналмилалӣ ва қарорҳо оид ба тафсири асосҳои байналмилалиро таъмин менамояд; вазифаҳои дигареро, ки барои пешбурди Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ заруранд, ба ҷо меоварад.

Дар давоми зербанди мазкур рисоланавис қайд намудааст, ки ба субъектони салоҳияти махсусдошта, ки ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷиро дар доираи ваколатҳои худ ба танзим медароранд дигар мақомоти давлатӣ баромад менамоянд. Ба монанди, Агентии давлатии Тоҷикстандарт, ки дар асоси Низомномаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин ваколатро дорад: таҳия ва такмили низоми стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия ва қоидаҳои савдо, мутобиқгардонии онҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ; бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани таклифҳо оид ба ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба низоми байналмилалии сертификатсия; намояндагии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия ва нозироти савдо; дастрас гардонидани стандартҳои байналмилалӣ, қоидаҳо ва тавсияҳо оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва сифат, ва дигарҳо.

Муаллифи рисола нисбат ба субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дар Тоҷикистон, аз таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ хусусияти онҳоро шарҳ дода дар хулоса қайд менамоянд, ки новобаста аз шакли моликият онҳо метавонанд, шахсони воқеӣ – соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалие бошанд, ки дар қаламрави кишвар ва берун аз он, пас аз бақайдгирии давлатии онҳо ба сифати соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият баранд. Ғайр аз ин, баробари онҳо шахсони хориҷӣ дар марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи

қонунгузории ҷорӣ фаъолияти соҳибкорӣ, тиҷорати хориҷиро ба амал мебароранд.

**Дар зербоби дуюм «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар амалисозии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ»** муаллиф ишора ба он менамояд, ки дар ҳар қадом низоми ҳуқуқи муосир зарурияти таъсироти давлат ба иқтисодиёт, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ вуҷуд дорад. Муаллиф ҷудо карда шудани таъсироти давлатиро ба мустақим ва ғайримустақим қайд менамояд. Яъне, дар таъсироти мустақим оиди пешкаш намудани имтиёз дар бораи озод кардани бафурӯшбарории қисми фоидаи асъории ба даст оварда, дар ғайримустақим бо воситаи муқаррар кардани тарифҳои баланди воридотӣ ба ягон намуди маҳсулот фаҳмида мешавад. Бо ин иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷиро маҷбур мекунонад, ки ҳамчунин маҳсулоти дигарро ворид намуда бошанд.

Муҳақиқ дар асоси омӯзиши ақидаҳои назариявӣ ва амалӣ қайд мекунад, ки ба давлат сиёсати иқтисодии босаводона зарур аст, ки аз нуқтаи назари илм асоснок карда тавонад ва бо роҳи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар амал татбиқ намуда бошад. Алалхусус қайд мегардад, ки дар шароити ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми умумиҷаҳонии иқтисодӣ ба сифати афзалтару самаранокии танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ усули таъсироти иқтисодиро истифода менамоянд. Ба усули иқтисодии танзими давлатии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ танзими тарифӣ-гумрукӣ, андозбандӣ тааллуқ дошта, ба усули маъмурӣ бошад квотакунонӣ ва иҷозатномадиҳӣ хидмат мекунанд.

Рисоланавис дар алоқамандӣ бо ин нисбати хусусияти шакли мустақим ва ғайримустақимии таъсироти давлатӣ ба фаъолияти субъектоне, ки фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷиро пеш мебаранд, таҳқиқ намудааст. Шакли мустақими таъсироти давлатӣ масалан, манъи содирот ва воридоти ягон намуди маҳсулот ва ё муқаррар намудани маҳдудияти шуморавии содирот ва воридоти намуди маҳсулот шуда метавонад. Шакли ғайримустақими таъсироти давлатӣ ҳангоми муқаррар намудани боҷҳои гумрукӣ ба фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектон мисол шуда метавонад.

Таҳлили масъалаҳои мазкур муҳақиқро ба ақидае меорад, ки сиёсати имрӯзаи ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ аз ҷониби давлат қабули як қатор

санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро пеш овардааст. Ба монанди, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №41 аз 27 январи соли 2018 «Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли барориашон то соли 2005 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ намудааст, ки воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли барориашон то соли 2005 (мавқеи молии 8702: 8703: 8704 ва 8705 Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз 15 феврали соли 2018 манъ карда шавад. Ҳамин гуна, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №399 аз 8 августи соли 2018 «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ кардааст, ки ҳангоми ворид намудани молҳое, ки дар давлатҳои нисбатан кам тараққикарда истеҳсол шудаанд, сабукиҳо (имтиёзҳо) ҷорӣ ва боҷи воридотии гумрукӣ дар ҳаҷми панҷоҳ фоиз аз меъёри тасдиқшуда, муқаррар карда шавад, ва ғайра.

